*Ҷаҳон бо нур мебояд гирифтан...*

# НУРАФШОН

Моҳи марти соли 2022, №3 (80)

**Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон**

## Суханронии ректори Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон Исозода Д.Т. дар маҷлиси тантанавии донишкада ба ифтихори иди “Рӯзи Модар”



***Муҳтарам омӯзгорон, донишҷӯён, кормандон, хоҳарону модарони азиз ва ҳозирини арҷманд, шуморо ба ифтихори фарорасии иди зебову баҳории “Рӯзи Модар” самимона табрику таҳният гуфта, бароятон хушбахтии рӯзафзун ва дар фаъолияти кориатон барору комёбӣ таманно дорам.***

Дар даврони соҳибистиқлолӣ, бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷомеаи мо нисбати Зан-Модар таваҷҷуҳи хосса зоҳир мегардад.

Бо дастгирию мусоидати давлату ҳукумати Тоҷикистон дар Ватани соҳибистиқлоли мо баъди ҳазорсолаҳо табақаи нави ҷомеа- гурӯҳи занони хирадманд ва соҳибкасбу олим ба вуҷуд омад, ки дар ҳамаи соҳаҳои илму истеҳсолот ва ҳатто дар мақомоти қудратии кишвар баробари мардон барои рушду нумӯи кишвари азизамон ва ҳифзи манфиатҳои давлату миллат ва марзу буми Ватан, кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Вақте, ки гап дар бораи илму истеҳсолот меравад, метавонем бо ифтихор ёдовар шавем, ки имрӯз бонувони зиёде, аз ҷумла намояндагону хатмкунандагони донишкадаи мо, бо таҳқиқотҳои илмии худ ва иштироки бевосита дар идоракунии нерӯгоҳҳои барқи обии хурду бузурги Тоҷикистон, аз ҷумла НБО Норак ва дар рушду нумуи Ватан сахми назаррас гузошта истодаанд. Аз зумраи чунин бонувон Шарифова Зарина Ҷумаевна, Назарова Назира Саиидкромовна, Ҷурабоева Ҳикоят Негматовна, Юсупова Зарина Розиқовна ва Хайруллоева Умедаро номбар кардан мумкин аст.

Вале вақте ки гап дар бораи баробари мардон, дар ҷодаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва марзу буми Тоҷикистон иштирок кардани занон меравад, пас ин анъана аз даврони қадим, аз Империяи бузурги аҷдодони мо-Империяи порсоёнфорсҳо оғоз ёфта буд. Дар ҳудуди ин давлатдории аҷдодони гузаштаамон намунаҳои аввалин ва бузургтарин дастовардҳо дар соҳаҳои илму фарҳанг, сиёсату давлатдорӣ, иҷтимоиёту иктисодиёт амалӣ мегардиданд, ки дар ин раванд занон низ сахми арзанда мегузоштанд.



Ҳамин тавр, дар давлатдории Форси қадим занон соҳиби эҳтироми хосса буда, дар вазифаю мансабҳои баланди давлатдорӣ кор мекарданд ва ҳатто дар мавриди зарурӣ ҳамчун сарлашкар барои ҳифзи марзу буми сарзаминашон ба майдонҳои муҳориба баромада, дар қатори мардон ба муқобили душманон меҷангиданд. Мисоли равшани ин гуна занон шоҳдухтари сакоӣ Томирис буда метавонад.

Занони тоҷик анъанаи ниёгони худро идома дода, дар солҳои аввали барқарорсозии Ҳукумати Шӯравӣ дар Тоҷикистон ва дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 дар қатори мардҳо барои муҳофизати Ватан ҷонбозиҳо кардаанд. Имрӯз номи Зайнаббибии қаҳрамон, ки барои озодӣ, ободӣ ва истиқлолияти Ватан аз дасти босмачиҳо ба қатл раонида шуда буд, пайваста вирди забони тоҷику тоҷикистониҳо мебошад.

Зиёда аз 2000 занони тоҷик дар рӯзҳои аввали саршавии ҶБВ барои иштирок дар ҷангҳои зидди фашизм ариза пешниҳод карда буданд. Занони тоҷик О. Муҳаммадҷонова, Н. Умарова, И. Қурбонова, Ч. Раҳимова, Ш. Ҳайдарова С. Сафарова, А. Носирова, А.Азимова ва садҳо дигарон дар майдонҳои ҷанг қаҳрамонӣ нишон медоданд.

Ин лаҳза месазад, ки дар бораи аввалин зани тоҷик-доктори илми тиб София Ҳакимова, ситораи санъати балети ҷаҳонӣ Малика Собирова, варзишгари номдор Зебуниссо Рустамова, қаҳрамонони арсаи меҳнат Эначон Бойматова ва Гавҳарбӣ Пиракова ва аввалин генералзани тоҷик Саодат Амиршоева, суханони нек бигӯем ва арзи сипос намоем.

***Бори дигар ҳамаи шуморо бо фарорасии иди фархундаи “Рӯзи Модар” табрику муборакбод менамоям.***

# НАВРӮЗ ҶАШНИ АҶДОДИИ МОСТ

Имрӯз барои мо тоҷикон ва кулли кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз боиси ифтихор аст, ки ин ҷашни куҳану бостонӣ ва ҷашни зебои табиат аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун ҷашни байналмилалӣ пазируфта шуд. Ин дастоварди арзишманд натиҷаи азму талоши муштарак ва пайгириҳои чандинсолаи Тоҷикистон ва давлатҳои дӯсту бародар мебошад. Дар қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Рӯзи байналмилалии Наврӯз» омадааст, ки давлатҳои аъзои ин созмони мӯътабар бояд сатҳи огоҳиашонро дар бораи Наврӯз баланд бардошта, инчунин бо мақсади интишор ва тарғиби донишҳои марбут ба таърих ва суннатҳои наврӯзӣ ҳамасола чорабиниҳо баргузор намоянд. рӯзи аввали баҳор, рӯзи киштукори деҳқон ба шумор меравад.

Наврӯз ба унвони иди баҳор ва эҳёи табиат дар кулли кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷашн гирифта мешавад. Наврӯз дар Тоҷикистон ба таври расмӣ ҳар сол 21 март ҷашн гирифта мешавад. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки мардумони Осиёи Марказӣ равобити хуби таърихи доштанд ҷашни Наврӯз дар миёни кишварҳои туркзабони минтақаи Осиёи Миёна, ба вижа ӯзбекҳо, қирғизҳо, қазоқҳо ва тӯркманҳо низ дар натиҷаи равобити фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ густариш ёфтааст. Айни ҳол, ки дар шаҳрҳои қадими Самарқанд, Бухоро, Насаф, Термез, Деҳнав мардуми тоҷик аз қадимулайём сукунат доранд, суннат ва анъаноти Наврӯз ҳифз шуда




Ин аст, ки ҳоло ҷуғрофияи таҷлили Наврӯз аз ғарби сарзамини Чин оғоз шуда, то Осиёи Марказӣ, Нимқораи Ҳинд, Қафқозу Русия, Аврупои Шарқӣ, Туркия, кишварҳои Араб ва Африқои Шимолӣ доман густурдааст. Яъне Наврӯз ҳоло ба ҷузъи тамаддуни башарӣ табдил ёфтааст.

Наврӯз яке аз қадимтарин идҳои тоҷикон ба шумор меравад. Тавре ки дар китобҳои таърих омадааст, аввалин касе ки ин идро ҷашн гирифт подшоҳи давлати бостонии порсоён-форсҳо (тоҷикон) бо номи Ҷамшед буд. Мутобиқи тақвими аҷдодиамон ва низоми ҳаракати сайёраҳо 21-уми март шабу рӯз баробар шуда, ва мардуми ӯзбек низ бо чунин расм аз Наврӯз таҷлил ба амал меоранд. Дар манотиқи мухталифи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ғазои наврӯзӣ сумanak омода карда мешавад, ки мардуми ин кишвар сумалак мегӯянд.

Калимаи “Наврӯз” маънои “Рӯзи нав”-ро дорад. Ин иди баҳор, якум рӯзи соли нав, рӯзи баробарии Баҳор, рӯзҳои асосии ид аз 21 то 22-юми март мебошад. Дар ҳар як шаҳр ин идро одамон бо расму русуми гуногун ҷашн мегиранд. Ҳоло дар Тоҷикистон асосан Наврӯзро аз 21 то 24-уми март ҷашн мегиранд, ки тибқи Қонун рӯзҳои истироҳатӣ эълон гардидаанд.

*(Давомаш дар саҳ.4)*

## Наврӯз ҷаҳонӣ шуд



Дар таърихи фарҳанги мардуми эронитабор ҳеҷ як анъана ва расму оине чун ҷашни хуҷастапай ва фархуидаи Наврӯз азизу арҷманд нест. Наврӯз пайвандгари насли имрӯз бо расму оин, арзишҳои эстетикӣ, меҳру садоқат ва анъаноти ниёгон мебошад.

Ҷашни Наврӯз аз қадимтарин ва густурдатарин идҳои мардумони эронитабор буда, умри дарози беш аз панҷҳазорсола дорад. Тавре ки аз номи он бармеояд, Наврӯз «рӯзи нав» маънӣ дошта, дар аввали соли нави хуршедӣ, ба истиқболи соли нав барпо мешавад. Наврӯз ҷашни фарорасии баҳори нозанин, зиндашавии табиат, оғози корҳои кишоварзӣ ва боғдорӣ, айёми баробаршавии шабу рӯз дар баҳор мебошад.

Дар таърихи 18-уми феврали соли 2010 дар ҷаласаи 64-уми ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид, таҳти фасли 49, ки унвони “Фарҳанги ҷаҳон”-ро дорад, қарорномаи “Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз” ба тасвиб расид. Он бо пешниҳоди кишварҳои Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркия ва Туркманистон мавриди баррасӣ қарор ёфтааст. Дар қарорнома гуфта мешавад, ки ҳамасола дар тамоми ҷаҳон 21-уми март ҳамчун Рӯзи байналмилалии Наврӯз таҷлил гардад.

Наврӯз аз бузургтарин ҷашнҳои мардумони эронитабор, аз ҷумла тоҷикон ба шумор меравад, ки ба фарҳанги қавму миллатҳои дигари Осиёи Марказӣ низ бо ҳамин ном гузаштааст. Ҷашни Наврӯз нишебу фарозҳои таърих, ҳаводиси сиёсию иҷтимоӣ ва маънавиҳои зиёдеро паси сар карда, то ба имрӯз омада расидааст.

Аз омадани Наврӯз пеш аз ҳама бачагон бо иҷрои аньанаи гулгардонӣ ба дигарон хабар медиҳанд. Онҳо як ду ҳафта қабл аз Наврӯз гурӯҳ шуда, ба кӯҳу пуштаҳо рафта, гулҳои баҳорӣ ба мисли бойчечак, сиёҳгӯш ва гули зардакро чида, ба деҳа меоранд ва хона ба хона гашта, ба мардум сурудхонон муждаи омадани Наврӯзро мерасонанд. Соҳибхонаҳо гулҳоро бӯй кашидаву ба чашм мемоланд ва ба бачаҳо кулчаю қанду мавиз, дар баъзе ҷойҳо гандуму нахуд медиҳанд.

**«НУРАФШОН»**



# БИҲИШТ ЗЕРИ ПОИ МОДАРОН АСТ МУДОМ...



Модар ягона мавҷудест, ки инсонро ба дунё меорад ва тавре ки бузургон гуфтаанд, бо як дасти худ гаҳвора ва бо дасти дигараш сайёраро меҷунбонад. Нақши модарону занон дар таҳким ва рушди ҷомеа, бунёди оилаи хушбахт, таълиму тарбияи фарзандон ва афзоиши эътибори хонадон ниҳоят муҳимму арзишманд мебошад.

Имрӯзҳо бонувони кишварамон баробари мардон номуси ватандориро ба дӯши худ гирифта, дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа ва давлат ғайратмандона фаъолият доранд ва бо ташаббусҳои созандаи худ Тоҷикистони маҳбубамонро боз ҳам ободу зебо гардонида истодаанд.

Ҳамчунин онҳо бо меҳри модаронаашон баланд бардоштани мақому манзалати хонадонро шараф ва номуси хеш мешуморанд ва бо самимият, лутфу муҳаббат ва садоқату шарофати худ номи Зан – Модарро муқаддас ва гиромӣ медоранд, бо дастони пурмеҳри худ навниҳолони соҳибмаърифат ва фарҳангдӯсту адабпарвари боғи маърифати миллат, яъне созандагони ояндаи неки давлат ва ҷомеаро ба камол мерасонанд.

Занону модарони мо бо дастони пурмеҳри худ ниҳоли ишқу муҳаббат, меҳру садоқат, саховату асолат ва илму маърифатро парвариш мекунанд ва қалби поки онҳо ҳамеша барои орому осуда ва пояндаву устувор нигоҳ доштани оила, ҷомеа ва давлат метапад.

Оила дар фарҳанги мардуми куҳанбунёди тоҷик ҳамчун ниҳоди муқаддас эътироф гардидааст, зеро беҳтарин арзишҳои инсонӣ, аз қабили муҳаббату садоқат, самимияту вафодорӣ ва ҳамдигарфаҳмиву таҳаммулгарой маҳз дар оила ташаккул меёбанд.

Бузургии Зан-Модар пеш аз ҳама дар он таҷассум меёбад, ки ӯ чароғи хонадон, идомадиҳандаи насл, тарбиякунанда ва ба камолрасонандаи фарзанд, инчунин нигоҳдорандаи забон, таърих ва фарҳанги миллӣ мебошад.

Агар ободиву суботи ҷомеа аз осоишу оромии ҳар як оила вобаста бошад, дар навбати худ ободии ҳар як хонадон аз рӯҳияи солиму созанда, сатҳи маънавиёту маърифатнокӣ ва тандурустии Зан-Модар вобаста аст. Зани тоҷик, ки намунаи олитарини Зан-Модар аст, дар доираи модарсолорӣ аз аввал то имрӯз боқӣ мондааст.

Имрӯз ҷомеаи Тоҷикистон дар симои зан на танҳо модар, хоҳар ва ҳамсар, балки сиёсатмадори шинохта, донишманди асил, сарвари муваффақ, соҳибкори саховатпеша, табиби ҳозиқ, корманди поквиҷдони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳомии Ватан, бинокори номдор, мураббии наслҳо ва ҳамшираи меҳрубонро мебинад, ки ин мояи ифтихори ҳар яки мову шумо мебошад.

Рисолати аслии зани тоҷик сабурии ӯст. Зан-модари тоҷик заҳматкашу меҳнатқарин буду ҳаст ва мемонад. Модар барои ҳар як шахс азизу муқаддастар аз ҳама мавҷудоти рӯи олам аст.

*Имомов Х.Т., саромӯзгори кафедраи забонҳо*

# ХУШ ОМАДӢ БАҲОРИ НОЗАНИН

Баҳор яке аз фаслҳои зеботарини сол ба шумор меравад ва аз рӯи тақвими соли мелодӣ моҳҳои март, апрел ва майро дар бар мегирад. Ба муносибати фарорасии баҳор дар давлатҳои ҷаҳон иду маросимҳои халқӣ гузаронида мешаванд.

Дар фасли баҳор табиат гулафшон мегардад. Дар тамоми дунё баҳорро фасли зеботарин ва фасли ризқу рӯзӣ низ меноманд. Дар давлати Тоҷикистон ин фаслро фасли пурфайз меноманд. Дар фасли баҳор дарахтон гул мекунад, замин ҷомаи нав ба бар мекунад ва табиат аз нав зинда мешавад.



***Эй ҷамоли баҳру бар, шод омадӣ,***
***Эй баҳори сабзу тар, шод омадӣ.***
***Аз қадамҳоят дилам гул мекунад,***
***Эй арӯси раҳгузар, шод омадӣ.***

Яке аз идҳои анъанавии миллии халқҳои эронтабор, ки бо фарорасии баҳор ҷашн гирифта мешавад, иди байналмилалии Наврӯз аст.

Баҳор яке аз фаслҳои зеботарини сол мебошад. Ин фаслро зиндашавии табиат ё арӯси сол меноманд. Дар ин фасл дар кишварамон якчанд идҳоро ҷашн мегиранд, аз ҷумла 8 март – Рузӣ модар, 21-24 март – иди Наврӯз, 1 апрел – рӯзи ханда, 9 май – иди Ғалаба, 23 май рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва ғайра.

Дар васфи баҳор адиби зиндаёд, шоири барҷастаи тоҷик Мирзо Турсунзода чунин гуфтааст:

***Баҳор омад садои булбул омад,***
***Насими фораму бӯи гул омад.***
***Либоси сабзро саҳро ба бар кард,***
***Кулоҳи сап-сафед олу ба сар кард.***

**«НУРАФШОН»**



*(Суманакпазӣ)*

Вақте, ки Ҷамшед тахти тилогини худро сохт дар вақти баромади офтоб дар кӯҳи баланд бардошта ва тилло дар нурҳои офтоб ҷилав дода равшанӣ мисли офтоб медод. Ин рӯзро Наврӯз номиданд, ва ҳамчун аввалин соли нав ҷашн мегирифтанд.

Дар "Наврӯзнома"-и Ҳаким Умари Хайём гуфта шудааст, ки Ҷамшед ин рӯзро Наврӯз номида ва ӯро ба расму оин дохил кард. Шоҳон, одамони хосу ом ин идро ҷашн мегирифтанд. Дар ин маросими халқӣ ҳамчун бузкашӣ, буҷулбозӣ, пойга, гуштингирии паҳлавонҳо, тухмзанак, арғамчинбозӣ мекунанд. Аҳамияти калон барои ороиши дастархони идона ҳатман хӯрокворӣ гузашта мешавад.

Ҳамчун қоида дар ин ид ду намуди дастархон оро дода мешавад, ки анвои хӯрокашон бо ҳарфҳои "Ҳафт Син" ва "Ҳафт Шин" оғоз мегардад. Дар алифбои форсӣ "Син" ва "Шин" ҳарфҳои "С" ва "Ш" мебошад.

Дар дини Зардуштӣ ва Ислом рақами 7 ҳамчун рақами муқаддас шуморида мешуд. Ҳафт Синро арабҳо дохил карданд аз сабабе, ки дар Ислом нӯшидани шароб манъ аст, лекин Ҳафт Синро аз байн бурда натавонистанд.

***Ҳафт Син.*** Ҳафт син ин ҳафт номгӯйи анвои хӯрокаест, ки аввали саршавии онҳо бо ҳарфи–С(Син) сар мешаванд. Ба инҳо дохил мешаванд:

1.Сир
2.Себ
3.Сабзӣ
4.Санҷид
5.Сирко
6.Суманак
7.Сипанд

***Ҳафт Шин.*** Ҳафт Шин ин он номгӯи анвои хӯрокҳои рӯйи дастархониест, ки аввали сар шавии ҳарфи онҳо бо Ш (Шин) оғоз меёбанд. Ба онҳо дохил мешаванд:

1.Шакар
2.Шона
3.Шамъ
4.Ширинӣ
5.Шарбат
6.Ширбиринҷ
7.Шир

Орзуву омоли мардум на танҳо шифоҳатан бо хондани суруду таронаҳо ва рубоиҳо, балки тавассути иҷрои амалҳои суннатӣ, расму оинҳо ва инчунин дар сурати ашё, ҷонварон, меваю ғизоҳо, рангҳо, аносири табиат ва амсоли инҳо дар шакли рамз ё самбулҳо низ баён мегарданд. Ҳар як ҷашну маросими тоҷикон моломоли рамзу маъниҳои нуҳуфта, розҳои таърихию асотирии бостонӣ ва мазмунҳои печидаи ҳаётӣ мебошанд.

Мардуми тоҷик дар гузашта ранги сафедро ҳамчун рамзи покиву беолоишӣ, сулҳу осоиштагӣ, осмони соф ва кушоиши кор шумурда, дар интихоби ғизову ашё ва либосу ороиши хона ба он афзалият медоданд. Ниёгони тоҷикон кӯшиш менамуданд, ки ҳар чӣ бештар ин ранг дар айёми Наврӯз ба назарҳо расад. Масалан, ҳангоми таҳвили сол либосҳои сафед ба бар мекарданд. Дар рӯйи суфраи наврӯзӣ шакар, шир ва хӯрокҳои аз ширу биринҷ таҳияшуда мегузоштанд. Аз гӯшти ҷонварон, асосан, мурғ ва моҳиро рӯи дастархон мениҳоданд, ки сафедранг ҳастанд. Дар ин суфраи идона инчунин себу сир ва санҷид ҳам ҷойгир мешуданд, ки дарунашон сафед мебошад. Расми сафедгузинӣ ва рамзофарӣ дар замонҳои хеле қадим низ маъмул будааст. Бино ба маълумоти Мусо ибни Исо Ал-Хисравӣ, шоҳони сосонӣ пагоҳии рӯзи Наврӯз бози сафедеро парвоз медоданд ва субҳи Наврӯзро бо ошомидани шири навҷӯшида ва ё хӯрдани порае панири тоза оғоз мекарданд. Ва дар ин рӯзи Наврӯз ба шоҳ дар обгинаи нуқрагин об мебурданд. Чун Наврӯз пешонаи фасли баҳор аст, мардуми кӯҳистон асосан дар айёми Наврӯз шурӯъ ба корҳои кишоварзӣ ва зироаткорӣ мекарданд. Рамзи баракату фаровонӣ дар шаклҳои мухталиф дар фарҳанги мардуми тоҷик мунъакис гаштааст.



Занҳои тоҷик ҳангоми пухтани ғизои наврӯзӣ – сангчаҳоро ба дег меандозанд, ки рамзи фаровонӣ ва файзу баракат ба шумор меравад. Дар бисёр ҷойҳо ба деги суманак ба ҷои сангчаҳо 7 дона ҷормағз меандохтаанд. Хӯрокҳои анъанавии наврӯзии тоҷикон аслан ғизоҳое мебошанд, ки аз анвои ғалладона пухта мешаванд.

Рӯзи Наврӯз дар бисёр манотиқи тоҷикнишин дегҳоро пур карда, оши палав ва гандумкӯча мепухтанд ва бо ин амал онҳо орзу мекарданд, ки тамоми сол серию пурӣ ва пурфайзу баракат бошад.

Аз омадани Наврӯз пеш аз ҳама бачагон бо иҷрои маросими шодии гулгардонӣ ба дигарон хабар медиҳанд. Онҳо як-ду ҳафта қабл аз Наврӯз гурӯҳ шуда, ба кӯҳу пуштаҳо рафта гулҳои баҳорӣ: сиёҳгӯш ва гули зардакро чида ба деҳа меоранд ва хона ба хона гашта ба мардум сурудхонон муждаи омадани Наврӯзро мерасонанд.

***Орзуев Шарифшон, омӯзгори кафедраи забонҳо***

**НУРАФШОН**

Нашрияи Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
Исозода Д.Т.
Зувайдуллозода Ф.З.
Обидҷони Ш.Қ.
Шарифова З.Ҷ.
Ализода А.А.

***ТАРРОҲ:*** Абдуалиев Б.С.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №130/РЗ-97 аз 27.03.2019. ба қайд гирифта шудааст.
Ба хотири гуногунандешӣ маводи муаллифон аз номи нашрия ва ба онҳо ҷавобгӯ нест, ки рӯзнома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Рӯзнома моҳе як маротиба дар маркази инноватсионӣ ва парки технологии Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон нашр мешавад.
Нишонии мо: н. Кӯшониён, Ҷамоати шаҳраки Бохтариён, кӯчаи Носири Хусрав 73.

Сомонаи интернетӣ: www.det.tj